Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-092 – и назди Донишгоҳи
милии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Элчибекзода Баҳригул Идибек дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 –Таърихи фалсафа**

Аз асри XX инҷониб, инсон бо вуҷуди дастёбӣ ба пешрафтҳои бесобиқаи илмию-техникӣ ва доштани сарвати ниҳоят ғании фарҳангию маънавӣ, боз ҳам дар муқобили хатарҳои олами табиию иҷтимоӣ хело оҷизу нотавон, пойбанди мушкилоти зиндагӣ, ноогоҳ аз мақому манзалати худ дар арсаи зиндагӣ мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки дар ҳеҷ давру замони пешина инсон ин андоза аз шинохти мақому манзалати худ ва зиндагиаш дар ин олам, маром ва асолати худ дар ҳастӣ ғофил набудааст.

Муаллифи автореферат масъалаи инсонро дар таълимоти яке аз файласуфони бузурги асрҳои миёна Фахриддини Розӣ ба таври зарурӣ ва бояду шояд мавриди омӯзиш қарор додааст.

Таҳлилу биниши масъалаҳо, равиши омӯзиш, натиҷагирӣ ва хулосабарориҳо, навовариҳо ва тавсияю пешниҳодҳои муҳаққиқ дар омӯзиши ин мавзуи таҳқиқотӣ аз кӯшишҳои илмӣ ва касбияти муаллиф гувоҳӣ медиҳанд. Музмун ва шакли автореферат ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия мувофиқат менамояд ва ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Элчибекзода Б дар автореферат заминаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва ғоявии ташаккулёбиии таълимоти мутафаккир, таъсири фарҳанги исломӣ ба таълимоти фалсафии Фахриддини Розӣ баррасӣ намудааст. Бояд қайд намуд, ки масъалаи инсон дар таълимоти фалсафии асрҳои миёна як масъалаи печида мебошад. Инсони фалсафаи асрҳои миёна, бештар аз нигоҳи

фалсафаи дин баҳогузорӣ мешуд ва он як мавҷуди мураккабу мухталиф ба ҳисоб меравад.

Ба диссертант тавсия дода мешавад, ки дар оянда таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розиро бо дигар мутафаккирон муқоиса намоянд, зеро дар қолаби муқоиса хулосаҳои беҳтар ба вуҷуд меоянд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибек дар мавзуи **«Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ»** кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Коммисияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Элчибекзода Б.И сазовори дрёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои фалсафа, мудири
Шуъбаи масоили фалсафаи дини ИФСҲ
АМИТ **Қурбоншоев И.Ҷ.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи А.Сино к.Маяковский, бинои 70/2 ҳуҷраи 203.
Тел: (+992) 935676720
Е-майл: ilhom67_67@mail.ru

Имзои **Қурбоншоев И.Ҷ.**-ро тасдиқ мекунам.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Института фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
АМИТ **Абдураҳмонзода Б.А.**

**Суроғаи муассиса**:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ 33,
Тел: (+992 37) 2215689

«11» 08 2025 сол